**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз "30" октябри соли 2010 № 560**
**тасдиқ шудааст**

# Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бароu солҳои 2011-2020

## 1. Тафсири истилоҳот

**САЛОМАТӢ** - ҳолати некӯаҳволии пурраи ҷисмонӣ ва рӯҳию иҷтимоии инсон.

**ТАРЗИ ҲАЁТ** - маҷмӯи муносибатҳои мушаххаси ҳар як одам ба истифодаи захираву имкониятҳое, ки барои вай шароити иҷтимоӣ, анъанаҳо, маълумот ва муносибатҳои бозорӣ пешниҳод менамоянд.

**ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ** - намудҳо, навъҳо, усулҳои фаъолияти ҳаёти барои форматсияи мазкури ҷамъиятию иқтисодӣ хоси инсон, ки имкониятҳои мутобиқшавии организми вайро мустаҳкам намуда, барои босифат иҷро намудани вазифаҳои иҷтимоӣ ва расидан ба дарозумрии фаъолонаи ӯ мусоидат менамояд.

**ВАЛЕОЛОГИЯ** - соҳаи тибби профилактикӣ, ки назария ва амалияи ташаккул, нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани саломатии инсонро тавассути васеъ намудани имкониятҳои вай барои мутобиқ шудан ба омилҳои таҷйирёбандаи муҳит меомӯзад.

**БЕҲДОШТИ ШАХСӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ** - ҷузъи нисбатан муҳими беҳдошти умумӣ, ки комилан ба ҳар як коллектив ва шахси алоҳида вобаста аз синну сол, ҷинс, намуди машғулият, шароитҳои зиндагӣ равона карда шудааст. Беҳдошт барои пайдоиши қолабҳо ва шакли хислатҳое мусоидат менамояд, ки ҳолати мувозинатро байни организм ва муҳити атрофи табиию иҷтимоии он нигоҳ медорад.

**ТАНДУРУСТИИ ҶАМЪИЯТӢ** - илм ва санъати пешгирӣ намудани бемориҳо, давом додани ҳаёт ва таъмин намудани саломатӣ бо роҳи кӯшишҳои муташаккилонаи ҷамъият.

**СТРЕСС (ТАҶОҲУМ)** - изтироби баланде, ки дар натиҷаи пайдо шудани омилҳои зиёди таҷоҳ умовар ба вуқӯъ меояд.

**МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ САЛОМАТӢ** - қобилияти одамон барои нигоҳ доштани омилҳои ба саломатиашон таъсиркунанда, инчунин қобилияти мустаҳкам намудани саломатӣ.

**ДАРАҶАИ ИНКИШОФИ ҶИСМОНӢ** - тавсифи миқдории фаъолият ва захираҳои системаи физиологӣ, биологию рӯҳӣ, инчунин дараҷаи шиддатнокии механизмҳои танзимкунанда, ки гомеостази организмро баланд мебардорад.

**ОМИЛҲОИ ХАТАР** - омилҳои муҳитидохилию берунии организм; махусусиятҳои ахлоқи инсон, ки ба зиёд шудани эҳтимолияти инкишофу хурӯҷи бемориҳо ва оқибатҳои номусоид оварда мерасонад.

**ФАЪОЛНОКИИ ҶИСМОНӢ** – серғайратӣ, фаъолияти пурмаҳсул, иштирок дар ягон амал.

**ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ** - ҷузъи фарҳанги умумӣ, яке аз соҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ, ки ба мустаҳкам намудани саломатӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии одам мусоидат мекунад.

**ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ** - масоили маҷмӯҳ, ки муносибатҳои маҷмӯиро ба таҳқиқи тарзи ҳаёт, ва саломатии аҳолӣ, инчунин таваҷҷӯҳи кормандони тиб, омӯзгорон, равоншиносон (психологҳо) ва педагогҳоро талаб намуда, аз хусусиятҳои муҳити макроиҷтимоии ннсон, фаъолнокии меҳнатӣ, иҷтимоӣ ва профилактикии ӯ вобастагӣ дорад.

**КӮМАКИ АВВАЛИЯИ ТИББИЮ САНИТАРӢ** - кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ зинаи асосии системаи тандурустии ҳар як мамлакат, хадамоти асосии расонидани кӯмаки тиббию санитарӣ мебошад, ки бо принсипи "аз ноҳияҳо ба марказ" сохта шудааст. Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ - ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи рушди иҷтимоию иқтисодии ин ё он мамлакат мебошад.

**ПЕШГИРИИ БЕМОРИҲО** - чорабиниҳое, ки на фақат барои пешгирии беморихо, ба монанди эмкунӣ, муборизаи зидди ҳашароти паҳнкунандаи бемориӣ ё маъракаи зидди тамокукашӣ, балки ба он равона карда шудааст, ки инкишофи бемориҳо нигоҳ дошта шавад ва баъди муқаррар намудани воқеияти беморӣ оқибатҳои нохуши он кам карда шавад.

**ФАЪОЛИЯТИ БАЙНИСОХТОРӢ** - амалиёте, ки дар рафти он ҳамкории бахши тандурустӣ ва бахшҳои дигари дахлдор барои ба даст овардани мақсадҳои умумӣ, ҳангоми мувофиқати аниқи саҳми бахшҳои гуногун иҷро карда мешаванд.

**МУҲОҶИР**- шахсе, ки бо мақсади иваз намудани ҷои зист, кор, таҳсил, истироҳат ва ғайра ба таври доимӣ ё ба мӯҳлати муайян (аз 1 рӯз то якчанд сол) мусофирати (муҳоҷирати) байниминтақавӣ мекунад.

**МАДАНИЯТИ БЕҲДОШТ** - маданияти беҳдоштии фард, ки донишҳои мушаххас, маҳорат, малака, арзишҳои саломатӣ, нуқтаи назар, андеша, эътиқод, шаклҳои ахлоқи ба саломатӣ дахлдорро дар худ таҷассум намуда, ҷузъи маданияти умумии шахсият мебошад ва дар ҷараёни таъсири маърифати тарбиявҳ ташаккул меёбад.

## 2. Муқаддима

Дар кори муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатӣ, ки аҳамияти аввалиндараҷа дорад, тарзи зисту зиндагии инсон нақши асосӣ мебозад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муносибати масъулиятнок нисбат ба саломатии худ ба сатҳи маърифату маданияти аҳолӣ вобаста мебошад. Дар инкишофи бисёре аз бемориҳо худи инсон, маданияти пасти санитарии ӯ, тарзи носолими ҳаёт ва муносибати манфӣ нисбат ба саломатии худ гунаҳгор дониста мешавад.

Саломатии одамони алоҳида ё гурӯҳи аҳолӣ бо таъсири маҷмӯи омилҳои байни ҳамдигар якҷоя амалкунандаи фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ

ва экологӣ  муайян карда мешавад. Солим будан - бояд талаботи ботинии ҳар як инсон бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳолати саломатӣ танҳо аз фаъолияти бахши тандурустӣ вобаста нест, вай бо таъсири байниҳамдигарии омилҳои маҷмӯӣ, фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, вазъи зиндагӣ ва интихоби фардӣ асоснок карда шудааст. Ҳар як инсон ба гирифтани иттилоот ҳуқуқ дорад ва бояд оид ба пешгирии бемориҳо ва мустаҳкам намудани саломатӣ донишҳои зарурӣ дошта бошад, ки принсипи асосии ташаккули ҳаёти солим  мебошад.

Дар ҳуҷҷати стратегии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ "Саломатӣ барои ҳама дар садсолаи 21-ум" ба масъалаҳои сафарбар намудани ҷомеаҳо ба мустаҳкам намудани саломатӣ тавассути ба одамон ва ҷамъиятҳо фароҳам овардани имконияти баланд бардоштани назорати омилҳои мустаҳкамкунандаи саломатӣ диққати махсус дода мешавад. Вобаста ба ҳамин дар сиёсати имрӯзаи ташаккули тарзи ҳаёти солим бо иштироки ҷомеаҳо дар ҳалли масъалаҳои бахши тандурустӣ аҳамияти муҳим дода мешавад. Танҳо тавассути сафарбар намудани саъю кӯшиши бахшҳои гуногун ва ҷомеаҳо тарзи солими ҳаётро таъмин ва барои саломатӣ муҳити мусоидро фароҳам овардан мумкин аст.

Дарки фаъолияти мустаҳкам намудани саломатӣ дар ҳуҷҷати Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (Хартияи Оттава) хеле хуб инъикос шудааст: "мустаҳкам намудани саломатӣ - ҳамчун раванд ба одамон барои пурзӯр намудани назорати омилҳои ба саломатӣ таъсиркунанда ва беҳтар намудани ҳолати саломатии шахсии худ қобилият намедиҳад".

Ҷиҳати аз ҳама муҳим ташаккул додани хадамоти муттаҳидаю устувори саломатии ҷамъият ва тандурустӣ мебошад, ки ба муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ такя намуда, ба фаъолона ҷалб намудани аҳолӣ равона карда шудааст ва он дар Эъломияи Алмаато оид ба кӯмаки аввалияи тиббӣ санитарӣ (1978) "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" инъикос ёфта, барои мамлакат яке аз принсипҳои асосӣ ба шумор меравад.

Стратегияи муҳимтарини пешгирии аввалия ва дуюмбораи бемориҳо ва мустахкам намудани саломатии аҳолӣ бояд сиёсати таҷдидшудаи ташаккули тарзи ҳаёти солим гардида, ба бартараф намудани мушкилоти муайян бинобар муҳити бартаридоштаи ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ, фаъолияти самарноки гуногунҷабҳа бо масъулияти бахшӣ, инкишофи дастрасии аҳолӣ ба маълумоти лозима ва иттилоот дар ин соҳа равона карда шуда бошад.

Фаъолона ҷалб намудани ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ, ҷомеаҳои маҳаллӣ, васоити ахбори умум барои дарку дастгирии равандҳои ташаккули қолабҳои ахлоқ, ки саломатиро мустаҳкам менамоянд ва нигоҳ медоранд.

Қайд кардан зарур аст, ки муваффақиятиислоҳоти доиршаванда ба сатҳи огоҳӣ ва фаъолнокии аҳолӣ, инчунин хабардории ҷомеаҳои маҳаллӣ аз дигаргуниҳои бахши тандурустӣ вобастагӣ дорад. Ғайр аз ин, иштироки ҷомеаҳо дар муайян намудани талаботи худ аҳамияти калон дорад, вале

мутаассифона ҳоло онҳо дар кори банақшагирӣ, татбиқ ва мониторинги хадамоти тиббӣ иштирок намекунанд.

Тибқи дурнамо аз нав равона намудани фаъолияти илмӣ ба талаботи саломатии ҷомеа, ташаккули тарзи ҳаёти солим, инчунин омӯзиши вазъи саломатии аҳолӣ зарур мебошад, ки он ба таъсири омилҳои муҳити зист, имконияти ба таври илмӣ асоснок намудани меъёрҳои беҳдоштӣ, коркард ва арзёбии технологияҳои ҷадид ва таҳияи тавсияҳо вобастагӣ дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз муносибатҳои хеле камхарҷ ва нисбатан самараноки паст намудани камбизоатии аҳолӣ ва ҳамзамон беҳтар намудани нишондиҳандаҳои саломатӣ ташаккули тарзи ҳаёти солими одамон мебошад ва аз ҳамин сабаб стратегияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дурнамои воқеию ҷолибе такя мекунад, ки одамон метавонанд онро дар ҳаёти ҳамарӯзаи худ истифода намоянд.

Вобаста ба андешаҳои баёнгардида таҳияи сиёсати афзалиятноки ташаккули тарзи ҳаёти солим ба миён омадааст: таҳияи стандартҳои миллӣ, татбиқи принсипҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таълимӣ, ҷалб намудани васоити ахбори умум барои иттилоотонии аҳолӣ ва мушоирати илмии ташаккули тарзи ҳаёти солим, ки бояд ба рушди минбаъдаи тамоюли устувори инкишофи ҷомеа, мустаҳкам намудани саломатии аҳолии мамлакат ва ҳамкорӣ бо ҷомеаҳои байналмилалӣ дар ин самт равона карда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки масоҳати он аз ғарб ба шарқ то 700 км ва аз шимол ба ҷануб то 350 км тӯл кашидааст. Зиёда аз 93 фоизи қаламрави ҷумҳуриро кӯҳҳо ишғол менамоянд. Аҳолии ҷумҳурӣ 7,2 млн. нафарро ташкил медиҳад. Афзоиши ҳарсолаи аҳолӣ ба 2 фоиз мерасад. Зиёда аз 70 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ намуда, аҳолии шаҳрҳо 26,5 фоизро ташкил медиҳад.

Вазъи умумии демографӣ бо дараҷаи баланди таваллуд (28,0 ба 1000 нафар аҳолӣ) ва фавти нисбатан ками аҳолӣ (4,7 ба 1000 нафар аҳолӣ), вале фавти баланди кӯдакон (14.2 на 1000 нафар аҳолӣ) ва фавти модарон (28 ба 100 хазор зиндатаваллуд), дараҷаи пасти урбанизатсия, дараҷаи баланди муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ тавсиф меёбад. Афзоиши табиии аҳолӣ соли 2009 - 23,3 ба 1000 нафар аҳолиро ташкил дода, дар қиёс бо соли 2008 (22,1 ба 1000 нафар аҳолӣ) зиёд мебошад.

Тафсири сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон барои соли 2003 шаҳодат медиҳад, ки суръати баланди рушди иқтисодиёт дар чанд соли охир ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат таъсири мусбӣ расондааст. Мутобиқи тағйироте, ки ба наздикӣ аз рӯи маълумоти нави Бонки умумпҷаҳонӣ дар арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон муайян гардид, ҳамаи нишондиҳандаҳои асосии камбизоатӣ дар соли 2009 - 53 фоизро ташкил дод, ки он дар қиёс бо соли 2007 то 72 фоиз паст фуромадааст. Ба ҳар ҳол, агар таносуби камбизоатиро аз рӯи сатҳи даромади аҳолӣ арзёбӣ намоем, бояд қайд намуд, ки суръати баланди рушди иқтисодиёт ба сатҳи даромадҳои аҳолӣ таъсири назаррас расонидааст.

Мушкилоти асосии саломатӣ дар мамлакат зиёд шудани фарқияти вазъи саломатӣ байни гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ мебошад, ки дар ҳолати нисбатан мусоид ва номусоиди некӯаҳволӣ қарор доранд, яъне масъалаи камбизоатӣ. Маълум аст, ки камбизоатӣ нишондиҳандаи (детерминанти) муҳими бад шудани вазъи саломатӣ буда, одам имконияти қонеъ намудани талаботи асосии худро надорад ва ин барои бад шудани нишондиҳандаҳои демографӣ, паст шудани индекси саломатии аҳолӣ, инкишофи бемориҳои алоҳидаи сироятӣ ва ғайрисироятӣ, суст шудани муттаҳидии иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Системаи нобаробари маблағгузорӣ, номутаносибии амалиёт байни хадамоти кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва бахши беморхонавӣ, сарфакорона истифода набурдани захираҳо (кадрӣ, молиявӣ), бад шудани заминаи моддию техникӣ, баланд шудани сатҳи бекорӣ ва ғайра вазъиятро боз ҳам вазнинтар мегардонад.

Рушди иқтисодиёт барои таъмини аҳолӣ бо кори муносиб ва некӯаҳволӣ механизми асосӣ мебошад. Чунин рушд тавассути татбиқи сиёсати босамари макроиқтисодӣ, таҷдиди корхонаҳо, инкишофи бахши хусусӣ, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, телекоммуникатсия ва иттилоот барои фарогирии аҳолӣ бо кор таъмин карда мешавад. Таҳлили рушди иқтисодиёт дар солҳои охир мӯътадилшавӣ ва инкишофи онро тасдиқ менамояд.

Вале бо вуҷуди ин дар Тоҷикистон яке аз мушкилоти асосии иҷтимоию иқтисодӣ дараҷаи баланди бекорӣ (то 46,8 хазор нафар) боқӣ мемонад, ки ба муҳоҷирати зиёди мутахассисон аз мамлакат мусоидат мекунад.

Дар 15 соли охир, аз соли 1995 сар карда, ҳиссаи хароҷот барои тандурустӣ дар маҷмӯи Маҳсулоти умумии Дохилӣ доимо рӯ ба пастравӣ дошт ва аз 4,5 фоиз (с.1991) то 1,3 (2006) кам гардид, вале соли 2009 он самараи мусбат дошта, 1,9 фоизро ташкил дод, ки ин фоизи нисбатан паст мебошад.

Таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва тандурустии ҷомеа суст инкишоф ёфтааст. Бо вуҷуди мавҷуд будани шумораи зиёди муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва аз сабаби нарасидани кадрҳо, муҷаҳҳаз набудан бо таҷҳизоти муосир, ҳолати ғайриқаноатбахши биноҳо ва усулҳои бемаҳсули муолиҷа самаранокии истифодаи онҳо дар сатҳи паст қарор дорад.

Мавҷуд будани тамоми намудҳои номутаносибӣ дар тақсимоти кадрҳо (аз рӯи минтақаҳо, аз рӯи ихтисосҳо, байни муассисаҳо) муайян мегардад. Ҳамаи ин бо дараҷанокии паст доштани онҳо дар минтақаҳо аниқтар месозад.

Нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон дар мамлакат баланд буда, тибқи маълумоти таҳқиқоти мултииндикаторӣи кластерии ХКСММ (ЮНИСЕФ) ин нишондиҳанда 65 ба 1000 нафар зиндатаваллудро ташкил медиҳад. Вале масъалаи эътимодбахш набудани маълумот низ мавҷуд аст, ки бо пурра ба қайд нагирифтан алоқаманд мебошад ва аз рӯи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда ҳамагӣ 14,1 ба 1000 нафар зиндатаваллудро ташкил дод (с.2005). Дар давоми солҳои зиёд

сабабҳои асосии фавти кӯдакон бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ, инчунин бемориҳои системаи нафаскашӣ буданд.

Солҳои охир ба саломатии аҳолии Тоҷикистон бемориҳои сироятӣ таҳдиди асосӣ доранд (домана - 17, 1, вараҷа4,3, зардпарвини вирусҳ -106,6 ба 100000 нафар). Нишондиҳандаи фалаҷи кӯдакон (полиомиелит), бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда дар сатҳи баланд қарор доранд (оташак - 6,4 сӯзок - 9,8 ба 100 000 нафар). Якбора баланд шудани шумораи сироятёфтагони ВНМО дар мамлакат мушоҳида карда мешавад. Масалан, тибқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД аз соли 1991 то охири соли 2009 ба таври расмӣ 1853 ҳодисаи сироятёфтагони вируси норасоии масунияти одам дар ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст.

Маълум аст, ки гирифторшавӣ ба бемории сил мушкилоти ҷиддӣ мебошад ва тибқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 74 ба 100 000 нафар аҳолиро ташкил медиҳад. Вале бо вуҷуди паҳншавии ин беморӣ, тибқи маълумоти таҳқиқоти Лоиҳаи Хазинаи Ҷопонии паст намудани сатҳи камбизоатӣ (ЯФСБ) сатҳи огоҳ будани ҷомеаҳо ва оилаҳо оид ба чораҳои пешгирӣ ва муборизаи зидди бемории сил дар сатҳи паст (32 фоиз) қарор дорад.

Тамоюли инкишофи сироятҳои шадиди рӯдаҳо мушоҳида карда мешавад, соли 2008 ин нишондиҳанда - 2220,5 ба 100 000 нафар аҳолиро ташкил дод (2202,8 ба 100000 нафар ахолӣ дар соли 2007). Сабабҳои асосии паҳншавии бемориҳои рӯда истеъмоли оби бадсифати нӯшокӣ ва дараҷаи пасти маърифати аҳолӣ оид ба масъалаҳои тарзи солими ҳаёт мебошанд. Мушкилоти таъмин намудани оби нӯшокҳ, ифлосшавҳ ва заҳролудшавии манбаъҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии об, фавран баркарор намудани шабакаҳои обу корезӣ, иншооти обтозакуниро талаб менамояд, ҳамчунин таъмин намудани шабакаҳои об бо коагулянтҳо ва воситаҳои безараргардонӣ зарур аст. Тибқи маълумоти тадқиқоти Бонки умумиҷаҳонӣ танҳо 8 фоизи аҳолӣ системаи корезиро истифода мебаранд. Таҳқиқоти Лоиҳаи Хазинаи Ҷопонии паст намудани сатҳи камбизоатӣ (ЯФСБ) муқаррар намуд, ки фақат 65 фоизи истеъмолкунандагони ноҳияҳои таҷрибавӣ шабакаҳои обтаъминкуниро истифода мебаранд, аз ҷумла 26 фоиз дар хона ва 39 фоизи дар кӯча қубурҳои обгузар доранд.

Маълум аст, ки дараҷаи саломатии аҳолӣ аз вазъи муҳити зист ва омилҳои зерин, ба монанди: обу ҳавои тоза, дар онҳо мавҷуд будани партовҳои саноатӣ ва моддаҳои кимиёвӣ, маҳсулоти бехатари озуқаворӣ ва ғайра вобаста мебошад. Дар рафти мубоҳисаҳои мизҳои мудаввар ва фокус-гурӯҳҳо муайян карда шуд, ки партовҳои хоҷагию истеҳсолӣ саломатии аҳолиро зери хатар мемонанд, зеро системаи самараноки ҷамъ овардан ва коркарди партовҳо вуҷуд надорад. Бинобар ин муҳити иҷтимоие, ки ба нигоҳ доштани саломатӣ ҳангоми шароитҳои номусоиди муҳити зист мусоидат менамояд, дар мустаҳкам намудани саломатӣ аҳамият дорад.

Дар шароити имрӯзаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ зарур аст, ки фавран ва дар ҳама ҷо технологияи коркард ва несткунии

(утилизатсияи) ифлосиҳо, пору, партову пасмондаҳо дар маҳаллаҳои хурди аҳолинишини дар канори дарёҳо ҷойгиршуда, ки дорои аҳамияти муҳими экологӣ ва беҳдоштӣ мебошанд, татбиқ карда шавад.

Таҳқиқоти Лоиҳаи Хазинаи Ҷопонии паст намудани сатҳи камбизоатӣ муқаррар намуд, ки ҳолати санитарию беҳдоштии муассисаҳои тандурустии минтақаҳо дар сатҳи хеле паст қарор дорад ва 51,6 фоизи он ҳамчун ғайриқаноатбахш арзёбӣ мешавад.

Омӯзиши ақидаи кормандони тиб оид ба дараҷаи беморшавӣ дар 5 соли охир нишон дод, ки дар байни бемориҳои ноҳияҳои санҷидашуда дар ҷои аввал бемориҳои системаи нафаскашӣ (56 фоиз), дар ҷои дуюм бемориҳои системаи бавлу таносул - (48,7 фоиз), дар ҷои сеюм - бемориҳои дилу рагҳо (46,6 фоиз), дар ҷои чорум - бемориҳои узвҳои ҳозима (46,1 фоиз), дар ҷои панҷум - бемориҳои сироятӣ (41,4 фоиз), баъдан бемориҳои рӯҳию асаб - 38,4 фоиз ва БСҶ (бемориҳои сироятии ҷинсӣ)37,5 фоиз меистанд.

Ҳангоми пурсиш ҳамагӣ 27,5 фоиз кормандони тиб қайд намуданд, ки муассисаҳои тиббӣ бо доруҳои зарурӣ таъмин мебошанд ва ин ба аз байн рафтани системаи муттамаркази таъминот асоснок карда шуда, пастшавии сатҳи дастрасӣ, сифат ва истифодаи оқилонаи доруҳо ба назар мерасад.

Натиҷаҳои таққиқоти хоҷагиҳо нишон медиҳад, ки муроҷиат ба муассисаҳои тиббӣ дар сатҳи паст қарор дорад, масалан, соли охир 34 фоизи шахсони пурсидашуда (респондентҳо) умуман муроҷиат накардаанд ва 57 фоизи танҳо бо сабаби бемориҳои шадид муроҷиат намудаанд. 54 фоизи шахсони пурсидашуда кам муроҷиат намуданро бо пардохтҳои ғайрирасмӣ алоқаманд медонанд.

Бо вуҷуди фаъолона татбиқ шудани барномаи синамакконӣ, танҳо 64,6 фоизи шахсони пурсидашуда, ки кӯдаки то як сола доранд, ба тифлони худ то шашмоҳагӣ комилан шири сина медиҳанд.

Мубоҳисаҳо дар фокус-гурӯҳҳо ва мизҳои муддаввар нишон доданд, ки аз сабаби кам огоҳӣ доштан ва тасаввуроти таҳрифёфта оид ба фоидаи эмкунӣ, дар як қатор ҳолатҳо аҳолӣ аз эмкунии фарзандони худ даст мекашанд.

Тамокукашӣ омили хатарноки инкишофи бемориҳои ҷиддии узвҳои системаи дилу рагҳо, бемориҳои музмин ва саратони узвҳои нафаскашӣ мебошад. Гирифтори ба нашъамандӣ бемайлон боло рафта, ба саломатӣ ва бехатарии аҳолӣ таҳдид мекунад, зеро агар дар соли 1997 гирифторшавӣ ба нашъамандӣ 0.5 ба 100 ҳазор нафари аҳолиро ташкил дода бошад, пас соли 2005 тибқи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин адад то 22.2 зиёд шудааст. Натиҷаи таҳқиқоти Лоиҳаи Хазинаи Ҷопонии паст намудани сатҳи камбизоатҳ муайян намуд, ки 79 фоизи шахсони пурсидашуда зарари бадмастӣ, тамокукашӣ ва нашъамандиро медонанд, вале 40.2 фоизи шахсони пурсидашуда тамоку мекашанд, 18,4 фоизи машрубот 1.4 фоизи моддаҳои нашъаовар истеъмол мекунанд.

Дар даҳсолаҳои охир тамоюли зиёд шудани бемориҳои бо норасоии йод алоқаманд мушоҳида карда мешавад, ки бо истеъмоли нокифояи намаки йоднокшуда вобастагӣ дорад. Таҳқиқот муқаррар намуданд, ки

фақат 61,5 фоизи пурсидашудагон намаки йоднокшударо истеъмол мекунанд. гарчанде 80 фоизи шахсони пурсидашуда медонанд, ки истеъмоли намаки йоднокшуда инкишофи ҷоғарро (зоб) пешгирӣ менамояд.

Таҳқиқоти соҳаи солимии репродуктивӣ нишон доданд, ки бо вуҷуди огоҳии зиёди аҳолӣ (84 фоиз) оид ба сабабҳои инкишофи камхунӣ, суръати иллати мазкур дар байни занони ҳомиладор 80 фоизиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин зиёд шудани миқдори таваллудҳоеро қайд кардан зарур аст, ки бе кӯмаки корманди баландихтисоси тиб анҷом меёбанд. Зиёда аз нисфи занони пурсидашудаи синни репродуктивӣ (54 фоиз) аз хизматрасонии муосири танзими оила истифода намебаранд. Камхунӣ, таваллудкунии хонагӣ ва фарогирии пасти воситаҳои пешгирикунандаи ҳамл омилҳое мебошанд, ки ба баланд шудани дараҷаи фавти модарон таъсир мерасонанд. Натиҷаҳои бадастомада бори дигар андешидани чораҳоро оид ба тағйир додани муносибат ва ахлоқи аҳолӣ ба масъалаи саломатии худ талаб менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки фақат 18,9 фоизи шахсони пурсидашуда ақидаи зиндагии фаъолонаи ҷисмониро барои нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим эътироф менамоянд, гарчанде 80,1 фоизи шахсони пурсидашуда саломатиро манбаи пурқимати ҳаёти худ мешуморанд.

Қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷудиислоҳоти соҳаи тандурустӣ аксарияти кормандони тиб (64,5 фоиз) ва аҳолӣ (83 фоиз) дар бораи ин дигаргуниҳо маълумоти кофӣ надоранд.

### 3. Масъалаҳои Хадамоти ташаккули тарзи ҳаёти солим

Дар сохтори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти гузарондашаванда барои ҳалли масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим шабакаи хадамоти ташаккули тарзи ҳаёти солим ташкил карда шудааст, ки бояд ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳоро дар соҳаи мустаҳкам намудани саломатӣ, маъракаҳои ҷамъиятию иттилоотӣ ва сафарбарии ҷамоатҳо амалӣ намояд, вале хадамоти мазкур дар ҳаҷми пурра фаъолият намекунад. Ин бо нарасидани кадрҳои ихтисоснок, ҳолати ғайриқаноатбахши биноҳо ва муҷаҳҳаз набудан бо таҷҳизоти зарурӣ, нокифоя будани маблағ барои нашри маводи иттилоотӣ, маблағгузории нобаробари хадамоти мазкур аз рӯи самтҳои афзалиятнок алоқаманд мебошад.

Номӯътадилии ҳаёти сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта ба фаъолияти донишкадаҳои санъат ва таҳсилоти фарҳангӣ таъсир расонданд. Табиист, ки ин равандҳо умуман ба таври куллӣ дар ҳаёти мадании аҳолӣ инъикос гардид. Масалан, дар минтақаҳо китобхонаҳо, толорҳо, кинотеатр ва театрҳо, осорхонаҳо, муассисаҳои нашриявӣ ба таври пурра фаъолият намекунанд, ки бо сабабҳои субъективӣ ва объективӣ ба мисли нарасидани адабиёту китобҳо, кадрҳои ихтисоснок ва асбобҳои мусиқӣ, маҳдудият дар таъмини қувваи барқ, ҳолати ғайриқаноатбахши баъзе аз биноҳо асоснок карда мешавад. Омили муҳими дигар аз фаъолият бозмондани донишкадаҳои таҳсилоти маданӣ, махсусан кӯдакона мебошад. Мактабҳои

мусиқӣ, мактабҳои санъат, ки барои инкишофи мадании кӯдакон мусоидат менамоянд, тадриҷан ихтисоси худро дигар карда истодаанд. Нашри рӯзномаҳо, махсусан нашрияҳо дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи саломатӣ ба таври кофӣ намебошанд.

Вале бо вуҷуди андешидани чораҳои муайян аз тарафи бахши мазкур мушкилоти муайяне вуҷуд дорад, ки дар соҳаи маорифу маърифат монеаҳоро ба миён меорад, ба монанди маблағгузории нобаробари соҳаи маориф, нокифоя будани фонди китобхонаҳо, сайлонияти баланд ва нарасидани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши бинои мактабҳо, мебелу таҷҳизоти кӯҳнашуда мебошанд. Ғайр аз ин, набудани базаи мувофиқи таълимию лабораторӣ, нарасидани китобҳои дарсии ба нақшаи нави таълимӣ мувофиқ мушоҳида карда мешавад. Нуқтаи дигари муҳим суст фаъолият доштан ё дар баъзе ҷойҳо умуман мавҷуд набудани хадамоти тандурустии мактаб, махсусан дар деҳот мебошад ва аз ин сабаб ҳоло муоинаи профилактикии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мунтазам гузаронида намешавад.

Барои иттилоотонии аҳолӣ воситаҳои ахбори умум нақши муҳим доранд, ки аз тарафи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарпарастӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди он ки барномаҳои махсуси "Мадади Сино", "Таваҷҷӯҳ", "Тарзи ҳаёти солим" дар шабакаҳои телевизиони тоҷик ташкил карда шудаанд, инъикоси масъалаҳои тартиби тарзи ҳаёти солим беҳбудиро металабад.

Дар баробари ин дар масъалаҳои тартиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ сектори давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳои шаҳрвандӣ саҳми муҳим гузошта метавонанд.

Ташкилотҳои байнамилалӣ фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, дар тартиби ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ саҳми назарраси худро мегузоранд, вале кори мазкур берун аз ҳамоҳангсозӣ ва муносибати ягона бо сохторҳои мувофиқи Вазорати тандурустӣ сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили системавӣ фаъолияти нокифояи соҳаи тартиби тарзи ҳаёти солимро аз сабаби набудани ҳамоҳангсозии умумӣ, муносибати нокифояи байнисохторӣ дар ҳалли масъалаҳои саломатӣ ва фаъолнокии пасти воситаҳои ахбори умум нишон медиҳанд.

## 4. Мақсаду вазифаҳои Барнома

Мақсади барнома- ташаккули муносибати нави шаҳрвандон ба саломатӣ, тавассути татбиқи принсипҳои тарзи ҳаёти солим.

- дар шаҳрвандон ташаккул додани ахлоқу тарбияи ҳаёти солим;
- такмили системаи тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисони соҳаҳои гуногун оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таъмини мушоирати фаъолияти ҳарчи бештар имконпазири илмию методӣ барои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои самараноки минтақавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, такмил додани сохтор ва фароҳам овардани

заминаи зарурии моддию техникии ташкилотҳое, ки фаъолияти ташаккули тарзи ҳаёти солимро амалӣ менамоянд;

- таъсиси системаи доимоамалкунандаи иттилоот ва таълими аҳолӣ оид ба масъалаҳои нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани саломатӣ;

- баланд бардоштани самаранокӣ ва ривоҷ додани кори шабакаҳои муассисаҳои амалкунандае, ки бо ташаккули тарзи ҳаёти солим машғул мебошанд;

- таъсис ва такмили системаи расондани кӯмаки равоншиносӣ (психологӣ) ба аҳолӣ;

- таъсиси шӯрои байниидоравии ҳамоҳангсозии ташаккули тарзи ҳаёти солими аҳолӣ барои муттаҳид намудани нерӯи бахши давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷамоатҳои шаҳрвандӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, такмили механизмҳои ҳамоҳангсозии ҳуқуқӣ ва меъёрии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият барои таъмини имконияти интихоби ахлоқи солим.

## 5. Принсипҳои роҳбарикунандаи Барнома

Барномаи мазкур дар доираи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, Барномаи миллии рушд барои солҳои 2007-2015, Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020, ҳуҷҷати стратегии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ "Саломатӣ барои ҳама дар садсолаи 21-ум" таҳия шудааст. Он ба баланд бардоштани сатҳи иттилоотонии аҳолӣ, таҷйир додани рафтор, барҳам додани монеаҳо дар байни мардуми аз ҳама камбизоат, занони синни репродуктивӣ, модарону кӯдакон ва сафарбар намудани ҷомеаҳо, пурзӯр намудани ҳамкории байниидоравӣ, таъсиси хадамоти боэътимоди ташаккули тарзи ҳаёти солим, беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот ва хизматрасонии тиббӣ равона карда шудааст.

Барнома дарозмӯҳлат буда, принсипҳои асосии зеринро пешбинӣ менамояд:

1) Таваҷҷӯҳ ба татбиқи амалӣ. Ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи сохторҳои дахлдори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллии таъмини муносибати байниидоравӣ ба ҳалли масъалаҳои тандурустии ҷомеа, аз ҷумла иштироки ҷомеа дар ҳалли масъалаҳои саломатӣ; пурзӯр намудани шарикии мақомоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ, бахши хусусии тандурустӣ дар марҳилаҳои таҳия ва татбиқ, мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои татбиқи Барнома.

2) Риояи ҳуқуқҳо барои ҳифзи саломатӣ. Ҳуқуқ ба саломатӣ - ин ҳуқуқи ҳар як инсон ба дараҷаи баландтарини солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мебошад (моддаи 12 Аҳдномаи (пакт) байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ). Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ чораҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ба баратарф намудани сабабҳои носолимӣ равона карда шудаанд, аз ҷумла:

- ғамхорӣ дар ҳаққи модарону кӯдакон;

- пешгирии бемориҳои сироятӣ;
- пешгирии бемориҳои касбӣ ва ҳодисаҳои нохуш;
- гирифтани иттилооти эътимодбахш оид ба тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани масъулияти шахсҳ барои саломатии худ;
- таъмини шароит барои баланд бардоштани фаъолнокии ҷисмонии аҳолӣ;
- пешгирии бемориҳои бо ғизо алоқаманд;
- пешгири ифлосшавии муҳити зист;
- назорати санитарии сифати ғизо, обтаъминкунӣ;
- пешгирии одатҳои зараровар ва рафторҳои хатарноки таваккалӣ.

3) Адолати хизматрасонии тиббӣ. Одилона тақсим намудани захираҳои тандурустӣ дар минтақаҳои мамлакат ва имконияти аз тарафи шаҳрвандон гирифтани иттилооти эътимодбахш оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим.

4) Равона намудани таваҷҷӯҳ ба гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоии аҳолӣ. Таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасонии тандурустӣ барои гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоии аҳолӣ, барҳам додани системаи поймолкунандаи ҳуқуқи ақидаҳо (стереотипҳо) ва фаъолияти ҷамъиятӣ (таҳқир, стигматизатсия, зӯроварӣ).

5) Муносибати гуногунҷабҳа ба ҳалли масъалаҳои саломатӣ. Муносибати гуногунҷабҳа бо иштироки ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ҳамаи сатҳҳо, ташкилотҳои дар ҷамоатҳо фаъолияткунанда, ташкилотҳои динӣ, фондҳо, клубҳо, намояндагони бахши хусусӣ ва муассисаҳои молиявӣ оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим.

6) Ҷалб намудан ва иштироки ҷомеаҳо дар масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим. Зарурияти барқарор намудани муносибатҳои шарикӣ байни ҳукумат ва ҷомеаҳои маҳаллӣ дар соҳаи банақшагирӣ, амалӣ кардан ва ба ҳаёт татбиқ намудани масъалаҳои дахлдори ташаккули тарзи ҳаёти солим.

7) Баробарии гендерӣ ва муносибатҳои бо он асосёфта. Барнома ба принсипи баробарии гендерӣ такя намуда, муносибати гендериеро ба кор мебарад, ки он ҳама гуна чорабинии ба нақша даровардашударо аз нуқтаи назари таъсири вай ба мардону занон, аз ҷумла қонунгузорӣ, стратегия ва барномаҳо дар тамоми соҳаҳо ва сатҳҳо арзёбӣ мекунад.

8) Муносибати компаративҳ дар кори ташаккули тарзи ҳаёти солим Барнома ба муносибати компаративӣ такя менамояд, яъне бо дарназардошти хусусиятҳои таърихан шаклгирифтаи маҳаллӣ, анъана ва урфу одатҳое, ки бо тарзи ҳаёти аҳолӣ алоқаманд мебошанд. Ин барои фаъолияти мустақилонаи марказҳои ноҳиявӣ воситаи ҳавасмандгардонӣ мешавад.

## 6. Ташаккули Барнома ва фаъолияти афзалиятнок

Роҳ барии умумӣ ва ҳамоҳангсозии "Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015" аз тарафи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бахши иҷтимоиро

сарпарастӣ менамояд, амалӣ карда мешавад. Барномаро Вазорати тандурстии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд, ки ба он салоҳияти ҳамоҳангсозии Барнома аз рӯи чорабиниҳое, ки иҷрои онҳо ба салоҳияти дигар вазорату идораҳо вогузор шудааст, дода мешавад.

Дар сатҳҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҳамоҳангсозони Барнома муовинони раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо мебошанд, ки соҳаи тандурустиро назорат мекунанд. Муовинони ҳамоҳангсозон сардорони раёсат ва мудирони шӯъбаҳо/бахшҳои тандурустии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошанд.

Барои татбиқи самтҳои асосии стратегӣ марказҳо оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ташкил карда шудаанд.

Барои ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва арзёбии татбиқи Барнома шӯроҳои байниидоравии ҳамоҳангсозӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ташкил карда мешаванд.

Барои татбиқи Барномаи мазкур ҷалб намудани Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва саёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агенти назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб карда мешавад.

Иҷрои "Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад.

## 7. Фаъолияти афзалиятнок

Вазифаи 1. Дар шаҳрвандон ташаккул додани ахлоқи ҳамида ва тарбияи солим:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои иттилоотию маърифатӣ ва мавод оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳияи механизмҳои пешниҳод намудани иттилоот оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- мустаҳкам намудан нерӯи ташкилии марказҳо ва кабинетҳои ноҳиявии ташаккули тарзи ҳаёти солим бо ҷалби кормандони кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва пешвоёни ҷомеаҳо;
- баланд бардоштани нақши марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим барои тавсеа ва расонидани иттилоот оид ба тарзи ҳаёти солим.

Вазифаи 2. Баланд бардоштани нерӯи мутахассисони соҳаҳои гуногун оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим бо роҳи фароҳам

овардани системаи тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва баланд бардоштани ихтисос:

- инкишофи ташкилоти сохтории шӯъбаи барномаҳои маъмурии Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим оид ба омӯзиши масъалаҳои татбиқи тарзи ҳаёти солим дар муассисахои таълимӣ;
- таъсиси системаи ҷумҳуриявии тайёр намудани омӯзгорон оид ба масъалаҳои тарзи солими ҳаёт;
- такмили барномаҳои таълимӣ барои омодагии заминавию муттасили мутахассисон оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳлили мунтазам, такмил додан ва баррасии барномаҳои мусассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, таълимгоҳҳои миёна ва олҳ оид ба тарзи ҳаёти солим;
- дар барномаҳои таълимии то ва баъдидипломии кормандони тиб татбиқ намудани масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим.

Вазифаи 3. Таъмини заминаи муошриати харчҳ бештар имконпазири илмию методҳ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим:

- ҳамоҳангсозии таҳқиқот дар байни аҳолӣ ва гурӯҳҳои мақсаднок оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- татбиқу такмили меъёрҳои баҳодиҳӣ ва индикаторҳои мониторинги раванди ташаккули тарзи ҳаёти солим дар зерсохторҳои дахлдори муассисаҳо ва вазорату идораҳо;
- таҳия ва татбиқи муносибатҳои муосири кор бо ҷомеаҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва диққат додан ба омилҳои нисбатан зоҳиршавандаи хатар дар тарзи ҳаёт ва муҳити зист;
- ташкил намудан ва гузарондани конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмию амалӣ, семинарҳо, ҷаласаҳо, нишастҳои матбуотӣ, мубоҳисаҳо, аксияҳо, озмунҳо, викторинаҳо оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим.

Вазифаи 4. Такмили Сохтор ва таъсиси заминаи моддию техникии ташкилотҳо:

- дар сохтори дастгоҳи марказии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани шӯъба/вазифа оид ба тандурустии ҷамъиятӣ, маркетинги иҷтимоӣ;
- инкишоф ва таҳкими хадамоти ташаккули тарзи ҳаёти солим бо роҳи маблағгузории мувофиқ, рушди захираҳои кадрҳ ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ;
- таъсиси марказҳои захиравӣ дар назди марказҳои вилоятии ташаккули тарзи ҳаёти солим, пурзӯр намудани фаъолият ва инкишофи системаи иттилоотии онҳо;
- такмили фаъолияти системаи иттилоотии Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таъсиси махзани маълумот барои ба аҳолӣ таъсир расондани иттилоот доир ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

Вазифаи 5. Таъсиси системаи доимамалкунандаи иттилоот ва омӯзиши аҳолӣ оид ба масъалаҳои нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ:

- таъмини дастрасии баробар ба иттилооти мувофиқ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳия ва нашри маводи айёнӣ, иттилоотию маърифатӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо ва таҳкими саломатӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи тайёр кардани рӯзноманигорон оид ба инъикоси масъалаҳои мушкилоти ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- ташкили барномаҳои мунтазами телевизионӣ, гузоришҳои радиоӣ, чоп ва нашри фаслҳои мунтазам дар рӯзномаву маҷаллаҳо, аз ҷумла сайтҳои интернетӣ оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;

Вазифаи 6. Баланд бардоштани самаранокии кори мусассисаҳои фаъолияткунанда ва инкишофи шабакаи муассисаҳои мавҷудае, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим машғул мебошанд:

- пурзӯр ва васеъ намудани нақши кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар кори тарзи ҳаёти солим ва ҳамбастагии функсионалӣ бо марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, инчунин аҳолӣ/ҷомеаҳо дар соҳаи тартиби ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- инкишофи ҳамкорӣ байни марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, мактаб ва оила оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- гузарондани мониторинги мунтазами рушди Барнома ва кори муассисаҳои дахлдори вазорату идораҳо, ки фаъолияти тартиби ташаккули тарзи ҳаёти солимро амалӣ менамоянд;

Вазифаи 7. Таъсис ва такмили системаи расондани кӯмаки равоншиносӣ (психологӣ) ба аҳолӣ:

